«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, д.и.х., профессор
___________Раҳмон Д.С.
«_3_» ______ соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Диссертатсия Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», воқеан ба бандҳои зерини 10, 10.1, 10.5, 10.7, 11.7,–и дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад.

**2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсиёнӣ**

Дар шароити мурракаб будани вазъияти имрӯзаи ҷаҳонӣ ва тағйирёбанда будани тамоюлҳои молиявӣ, бешубҳа фаъолияти бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ мубрам арзёбӣ мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлолии кишвар низоми бонкӣ дар баробари дигар субъектҳои фаъоли иқтисодӣ низоме мебошад, ки новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, вазифаҳои худро муваффақона иҷро намудааст. Гарчанде, ки вазъи як қатор ташкилотоҳои қарзӣ бад гардида, вазъияти мураккабро ба вуҷуд овард, лекин низоми бонкӣ маҷмуан тавонист ин мушкилотро пушти сар намуда, ҷараёни пайвастаи муомилоти пулиро дар иқтисодиёт таъмин ва талаботи рӯзафзуни муштариёнро бо амалиёт ва хизматрасониҳо қонеъ гардонад. Бuҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас буд, фаъолияти муътадили низоми бонкиро халалдор карда, ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонид. Бинобар ин, имрӯз барои низоми бонкии мамлакат масъалаи такмилдиҳии идоракунӣ ва таҳкими устувории низоми бонкӣ масъалаи асосӣ ва таъминкунандаи фаъолияти самаранок арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта собит намуд, ки барои равнақи низоми бонкии кишварҳои худ, тамоми намудҳои хизматрасониҳои бонкиро такмил дода, намудҳои нави хизматрасониҳоро ба мардум пешниҳод мекунанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар шароити муосири инкишофи иқтисодиёт такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ аҳаммияти якумдараҷа дорад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳадаф ва вазифаи асосии

таҳқиқоти илмии муҳаққиқ ин такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба ҳисоб меравад, ки мубрам арзёбӣ карда мешавад.

**3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)**

**Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

1. Муҳаққиқ дар асоси таҳқиқи консепсияҳо ва назарияҳо нуфузи низоми бонкиро ҳамчун як субъекти сармоягузор ва амалишавии хизматрасониҳои бонкӣ дар рушди устувори иқтисодиёт таҳқиқ кардааст. Низоми бонкӣ ҳамчун як сохтори муҳимми соҳаи хоҷагии халқ маҳсуб ёфта, роҷеъ ба ташаккули идоракунии давлатии бахши давлатӣ дар замони ҳозира, тибқи пешниҳоди муаллиф идоракунии давлатии бахши бонкӣ метавонад ба равнақи фаъолияти марбутаи иқтисодиёт таъсири мусбӣ гузорад;

2. Муаллифи рисолаи илмиро дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявии идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳқиқ кардааст. Ӯ исбот кардааст, ки ҳангоми идоракунии бахши бонкӣ, давлат метавонад ҳамчун институти салоҳиятноки низоми идоракунии бахши бонкӣ баромад кунад. Ҳамзамон, дар ин қисмат методҳо ва усулҳои гуногун дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, меъёрҳои пруденсиалӣ, андозбандӣ раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро идора намоянд ва ба ҷараёни фаъолияти самараноки онҳо замина гузорад;

3. Истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба усулҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ, мақоми давлат дар рушди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, таҳкими пардохтпазирӣ, таъмини босуботи бозоргирӣ, баҳодиҳӣ ва таҳқиқ шуда, ҷиҳатҳои мусбӣ ва хоси онҳоро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ сохтааст;

4. Аз ҷониби муаллиф ҳолати кунунии бахши бонкӣ аз қабили нишондиҳандаҳои молиявӣ, нақши давлат дар равнақи бахши бонкӣ таҳлил карда шуда, исбот гардидааст, ки давлат метавонад тариқи кумакҳои молиявӣ, ташкили фондҳои махсус аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва низоми идоракунии самаранок нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзиро тақвият бахшида, ба ин васила пардохтпазириву бозоргирии ҷараёни фаъолияти бахши бонкиро устувор нигоҳ дорад;

5. Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ва маълумотҳои оморӣ дар бахши бонкӣ масъалаҳои зеринро таҳлил кардааст: ҳолати муосири бонкҳои давлатӣ ҳамчун институтҳои калидии низоми бонкӣ, ташкилотҳои қарзии давлатӣ дар раванди пешбурди фаъолияти бонкӣ дар ҳудуди кишвар, бозори хизматрасониҳои бонкӣ. Ҳамзамон, дар асоси маълумотҳои бадастомада, дурнамои ҳиссаи бонкҳои давлатӣ дар сармояи низоми бонкӣ барои солҳои 2025 -2030 муайян карда шудааст, ки ҳиссаи бонкҳои давлатӣ дар сармояи низоми бонкӣ то ба андозаи 37% меафзояд ва имкониятҳои иқтисодии институтҳои мазкурро тақвият медиҳад;

6. Дар асоси омӯзиш ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, натиҷагирӣ карда шудааст, ки

идоракунии давлатии бахши бонкӣ аз ду сатҳи асосӣ иборат мебошад: дар сатҳи якум давлат бо истифодаи механизмҳои макроиқтисодӣ ба монанди сиёсати пулию қарзӣ ва дар сатҳи дуюм бошад, бо истифодаи механизми иҷозатномадиҳӣ, бақайдгирӣ, андозбандӣ ва дигар усулҳо раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро идора карда метавонад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Натиҷаҳои мушаххаси муҳаққиқ Одиназода Сафаралӣ Пулодхон боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки дар онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии самтҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ ҳамчун натиҷа ифода мегарданд. Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни рисола мушоҳида намудан мумкин аст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмӣ - назариявии таҳқиқот дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи идоракунии давлатии бахши бонкӣ, таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуқтаҳои назари гуногун имкон дод, ки идоракунии давлатии бахши бонкӣ аниқ карда шуда, хусусиятҳои он дар баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ муайян карда шаванд. Муқаррар карда шуд, ки таъмин ва таҳкими идоракунии давлатии бахши бонкӣ бештар аз андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ вобаста аст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳои аз тарафи муаллиф бадастоварда аз он иборат мебошад, ки масъалаҳои мубрами идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар бар гирифта, онҳо ба муваффақиятҳои бонк дар сатҳи зарурӣ ва барои рушду суботи низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳаматарафа мерасонанд. Ҳамзамон, қайд зарур аст, ки пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда, метавонанд барои солимгардонӣ ва устувории низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз тарафи муаллифи рисола дар масъалаи беҳтарсозии фазои идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва баромадан аз вазъи ногувори иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад. Албатта, идоракунии давлатии бахши бонкӣ аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, он яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафт маҳсуб меёбад. Бахши бонкӣ омили пешрафти иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад, ки онро муаллиф дар диссертатсияи илмии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, гуфтан бамаврид аст, ки татбиқи воқеии натиҷаҳои

бадастовардаи рисола ва дар ҳамин замина дар амал татбиқ намудани он аҳаммият ва манфиати умумииқтисодӣ доранд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ идоракунии давлатии бахши бонкӣ ба табақаҳои гуногуни ҷомеа, аз он ҷумла аҳолии кишвар ҳамкории зич дошта, дар беҳтарсозии сифати зиндагии онҳо ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиёти миллӣ мавқеи ҳаматарафа доранд. Аз ҳамин лиҳоз, таъмини идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои асосие мебошад, ки бевосита ба манфиати ҷомеа ва иқтисодиёт нигаронида шудааст. Иловатан гуфтан мумкин аст, ки ҳарчи бештар устувории бонкҳо дар сатҳи кишвар таъмин гардад, то ҳамон андоза ҳамбастагии он бо муҳити иҷтимоии давлат зиёд гашта, дастгирии он ба ин табақаи ҷомеа бештар мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асосҳои илмии таҳқиқи идоракунии давлатии бахши бонкӣ, вазъи муосири бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири давлат, таҳлили фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши бонк, андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ, такмилдиҳии меъёрҳои пруденсиалӣ-назоратӣ вобаста ба идоракунии бахши бонкӣ инъикос менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои каблии унвонҷӯ пешниҳод гардидаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методии идоракунии давлатии бахши бонкӣ»** ном гирифта, дар он таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бонкҳо ва аҳаммияти он дар муносибатҳои муосири иқтисодӣ, усулҳои идоракунии бахши бонкӣ дар иқтисодиёти муосир, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, пешниҳодҳои ҳадафманд оварда шудааст, (саҳ. 15-47).

**Дар зербоби 1.1.-**и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки ба ақидаи мо, дар ҳама ҳолат нақши давлат дар идоракунии бахшҳои иқтисодиёти миллӣ зиёд аст ва бидуни механизмҳои мусоидаткунанда ва таъсиркунандаи он рушди бемайлони иқтисодиётро таъмин намуда, ба натиҷаҳои зарурӣ расидан ғайриимкон аст. Бахши бонкӣ ҳамчун унсури калидӣ ва муҳимми иқтисодӣ зери идораи ҳамаҷонибаи давлат қарор дорад. Нисбат ба дигар бахшҳои хоҷагидорӣ, бахши бонкии ҳар як мамлакат дар пешбурди иқтисодиёт нақши сазовор дорад. Аз ин ҷост, ки давлат кӯшиш ба харҷ медиҳад, то бахши бонкиро ба таври самаранок идора намояд (саҳ. 25). Аз

нигоҳи муаллиф имрӯз бахши бонкӣ мубрам арзёбӣ мегардад, ин ҳимояи манфиатҳои низоми бонкӣ ва умуман ташкилотҳои қарзӣ аз омилҳои ғайриқтисодӣ дониста мешавад. Ба андешаи мо, лозим аст, ки низоми махсуси таъмини ҳимояи бехатарии бахши бонкӣ таҳия карда шавад, зеро таъмини бехатарии иқтисодии фаъолияти бонкҳо дар шароити кунунӣ ногузир арзёбӣ мегардад (саҳ. 31).

**Дар зербоби 1.2.** муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки идоракунии давлатии иқтисодиёт бо усулҳо ва механизмҳои гуногун татбиқ карда мешавад ва ҳадафи асосии он пеш аз ҳама таъмини суботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Албатта, давлат бояд дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ ва вазифаҳои бауҳдадошта бо риояи принсипҳои муқарраргардида идоракуниро ба роҳ монад, (саҳ.37). Ба ақидаи муаллиф таҷриба нишон медиҳад, ки худтанзимкунӣ дар низоми иқтисодӣ бе таъсири давлатӣ наметавонад самаранок бошад, вобаста ба ин аз тарафи давлат бояд низоми такмилёфтаи идоракунии низоми бонкӣ тарҳрезӣ карда шавад, чунки дар ҳолатҳои зарурӣ барои низоми бонкӣ ва махсусан ташкилотҳои қарзӣ заминаи мукаммали молиявӣ зарур аст ва истифодаи мақсадноки он метавонад пардохтпазирии онро таъмин намояд (саҳ. 40).

**Дар зербоби 1.3**. унвонҷӯ таҳқиқ кардааст, ки таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба идоракунии давлатии бахши бонкӣ нишон дод, ки низоми бонкӣ дар кулли кишварҳои ҷаҳон бо таъсири давлат идора карда мешавад. Дар робита ба ин, таҷрибаи идоракунии давлатии кишварҳое ба монанди: Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Халқии Чин мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Дар асоси таҳқиқи усулҳои идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар ин кишварҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки роҳу равиши таъсири давлат ба фаъолияти низоми бонкӣ анқариб дар ҳамаи давлатҳо ягон аст, яъне роҳу воситаҳои идоракунӣ ба ҳам шабоҳат доранд, вале дастгирии давлатӣ, андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини фазои фаъолияти густурда барои бонкҳои давлатӣ дар ин кишварҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Ҷиҳати тақвияти нақши давлат дар идоракунии низоми бонкӣ метавонем, ки бештар аз таҷрибаи Ҷумҳурии Гурҷистон, Ҷумҳурии Халқии Чин ва Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоем (саҳ. 67).

**Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили вазъи муосири идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он вазъи муосири бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири давлат ба таҳкими минбаъдаи он, таҳлили фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши бонкӣ, андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ, мавриди арзёбӣ ва таҳлил қарор дода шудааст (саҳ. 68-107.

**Дар зербоби 2.1**. муаллиф ҳангоми таҳлили ҷадвали 2.3. муайян кардааст, дар соли 2023 ин нишондиҳанда дар баъзе аз бонкҳои тиҷоратӣ афзоиш ёфтааст, ки он аз стратегияи пешгирифтаи бонк вобаста аст. Ҳаҷми маблағҳои пасандозӣ дар ин давра дар КВД БА ҶТ «Амонатбонк» 5378,6 млн. сомониро ташкил додааст, ки ин нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин

дар низоми бонкии кишвар мебошад. Дар ҶСК «Ориёнбонк» бошад ҳаҷми пасандозҳо 2383,7 млн. сомониро ташкил дод, дар ҶСК «Бонки Эсхата» бошад маблағҳои пасандозӣ дар соли 2023 ба 2,592 млн. сомонӣ баробар шудаанд (саҳ. 76).

**Муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомёфта, дар зербоби 2.2.** (ҷадвали 2.10) ба маврид қайд менамояд, ки тавозуни бонкҳои давлатиро нисбат ба бахши бонкии кишвар нишон медиҳад, дидан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои молиявии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар соли 2023 нисбат ба соли 2013 ба таври динамикӣ тағйир ёфтаанд. Дар самти ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бонки мазкур дар низоми бонкии кишвар пешгом аст ва ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалб намудааш дар соли 2023 маблағи 4989,3 млн. сомониро ташкил дод, ки дар маҷмуъ 25,6% ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалбшудаи бахши бонкиро ташкил медиҳад. Яъне 25,6% - и пасандозҳои ҷалбшудаи бахши бонкӣ ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк» рост меояд (саҳ. 98).

**Дар зербоби 2.3.**-и кори таҳқиқотӣ ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи андозбандии ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар бахши бонкӣ натиҷагирӣ кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андозии бонкҳо ба андозҳо ва пардохтҳои зерин асос меёбад:

- андоз аз даромад – андози асосиест, ки аз фоидаи бонк ситонида мешавад, меъёри андоз аз даромад барои бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20% муқаррар шудааст,
- андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) – бонкҳо вазифадоранд, ки барои хидматрасонии худ ба мизоҷон андоз аз арзиши иловашуда супоранд. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда барои бонкҳо 18% муқаррар шудааст,
- андози иҷтимоӣ (АИ) ин андозро бонкҳо аз маоши кормандони худ мепардозанд. Меъёри АИ барои бонкҳо ба таври зайл муқаррар шудааст: барои суғуртакунандагон 20% ва барои суғурташудагон 2% (саҳ. 108).

**Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, дар он тақвияти ҷанбаҳои афзалиятноки идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ, баландбардории нақши давлат дар таъмини фаъолияти самараноки бахши бонкӣ, такмилдиҳии меъёрҳои пруденсиалӣ-назоратӣ вобаста ба идоракунии бахши бонкӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд, (саҳ.121-145).

**Таҳқиқоти зербоби 3.1.** нишон медиҳад, ки таъсири давлат ба бахши бонкӣ бояд тавре роҳандозӣ гардад, ки суботи молиявии субъектони низоми бонкиро таъмин намуда, барои пешрафти минбаъдаи онҳо таъсири мусбӣ гузорад. Танҳо дар ин замина, мо метавонем, ки ба такмилёбии низоми бонкӣ дастёб гардида, тақвияти бахши бонкиро роҳандозӣ созем то аҳаммияти давлат вобаста ба рушди пайвастаи низоми бонкӣ баланд гардад. Яъне идоракунии давлатии бахши бонкӣ на танҳо ҳамчун омили танзим ва назораткунандаи бахши бонкӣ баромад намояд, балки барои пешрафт ва такмилёбии сохтори институтсионалии низоми бонкӣ сабаб гардида тавонад, (саҳ. 125).

**Дар зербоби 3.2**. -и диссертатсия муаллиф исбот кардааст, ки фаъолияти густурда ва самараноки бахши бонкӣ дар ҳамон ҳолат натиҷаи

мусбӣ медиҳад, агар идоракунии давлатӣ бо низоми мушаххас ва барномарезии дақиқ коркард ва мавриди истифода қарор гирифта бошад. Дар ҳолати баръакс, идоракунии давлатии бахши бонкӣ метавонад, ки таъсири манфӣ расонад ва боиси коҳишёбии вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ гардад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки чараёни идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар доираи усулҳо ва методҳои мушаххас татбиқ гардида, самаранокии истифодаи онҳо бояд баҳогузорӣ шавад (саҳ. 135).

**Дар зербоби 3.3.** -и диссертатсия муҳаққиқ дуруст иброз медорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди фарҳанги бонкӣ бояд яке аз унсурҳои муҳимми бахши бонкӣ гардад. Зеро таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фарҳанги корпоративӣ дар бахши бонкии кишвар миёни кормандони ташкилотҳои қарзӣ коста гардидааст. Ин омил сабаб гардидааст, ки муштариён бо бонкҳо муносибати хуб надошта бошанд. Ҷиҳати ҳалли ин мушкилот давлат бояд талошҳои худро ба баландбардории маҳорати касбӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар фаъолияти идоракунии бонкҳо, масъулияти роҳбарон ва саҳмдорони бонкҳо дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳо, ба даст овардани шаффофияти фаъолияти бонкӣ, пешгирии истифодаи бахши бонкӣ дар анҷом додани амалиёти ғайриқонунӣ ва аҳдҳои шубҳанок равона созад (саҳ. 153).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Бисёр бамаврид мебуд қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо стратегияҳои давлатӣ хусусан, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давра то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 асоснок мекард;

2. Дар зербоби 1.1., ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқотро дар бар мегирад аз олимони ватанӣ ба ғайр аз Ш. Раҳимзода ва Бердиев Р.Б., дигар аз ягон олими ватанӣ иқтибос оварда нашудааст, ҳоло он, ки дар дараҷаи омӯзиши мавзуи мазкур бисёре аз олимони ватанӣ номашон дарҷ гардидааст;

3. Дар боби якуми диссертатсия муаллиф на дар ҳама ҳолатҳо фикри худро доир ба иқтибосҳои овардашуда пурра манзур кардааст;

4. Дар зербоби 2.1. ҳангоми таҳлили тағйирёбии фоизи бонкӣ аз рӯйи қарзҳо ва пасандозҳо (амонатҳо) (ҷадвали 2.5.) бисёр бамаврид мебуд, муаллиф пешниҳодҳои худро оид ба роҳу усулҳои паст кардани меъёри фоизи қарзи бонкӣ ироа мекард;

5. Зербоби 2.2. таҳлили фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва нақши онҳо дар инкишофи нишондиҳандаҳои сохторӣ-молиявии бахши бонкӣ номгузорӣ карда шудааст, аммо дар вақти таҳлил муаллиф бештар ба КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аҳаммият додааст. Таҳлил ва ҳолати кунунии КВД БССБ «Саноатсодиротбонк», ки бонки давлатӣ маҳсуб меёбад аз мадди назари таҳқиқот дур мондааст;

6. Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф бисёр маълумотҳои оморӣ, факту далелҳо илмиро ҷамъоварӣ карда, таҳлилҳо гузаронида аст, аммо на ҳамаи таҳлилҳо дар хулосаи боби дуюми диссертатсия нишон дода шудааст;

7. Бисёр бамаврид мебуд, дар боби сеюми диссертатсия ягон модели консептуалӣ ё матрисаи самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мекард;

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Одиназода Сафаралӣ Пулодхон бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид кард.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 24 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, мавoди батабърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 24 мақола, ки 10 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Одиназода Сафаралӣ Пулодхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи ғайри навбатии кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №7/1 аз 5- апрели соли 2025).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 14- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа**
номзади имлҳои иқтисодӣ,
и.в., дотсент , мудири кафедраи
молия ва қарз Комилов Н.Б.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими
калони кафедраи молия ва қарз Вазирзода Д.Р.

Котиби ҷаласа, н.и.и., муаллими калон Тешаев М.С.

Имзоҳои Комилов Н.Б., Вазирзода Д.Р. ва Тешаев М.С-ро
тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел.: (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, факс: (+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj,
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj